Бо қарори
Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 2011 № тасдиқ шудааст

# Консепсияи сиёсати андози Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи миёнамӯҳлат

## 1. Муқаддима

Консепсияи сиёсати андози Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи миёнамӯҳлат (минбаъд – Консепсия) ҳадафҳои стратегӣ ва афзалиятҳои сиёсати андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, усулҳо ва роҳҳои дастрасии ин ҳадафҳо ва афзалиятҳо, самтҳои асосии ислоҳоти системаи андоз ва маъмурикунонии андозро муайян менамояд.

Консепсияи мазкур тибқи банди 10 Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 17-18 январи соли 2011 дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баён гардидаанд ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2011, №23 ва Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2011 зикр гардидаанд ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2011, №200 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.

Консепсия ба Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015, Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012, Стратегияи идораи молияи давлатӣ дар солҳои 2009-2018, инчунин қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 феврали соли 2010, №64 ва аз 3 майи соли 2010, №203, ки содда намудани низоми андозбандӣ ва оммафаҳм гардонидани санадҳои ҳуқуқии марбут ба андозбандӣ, бартараф намудани мухолифатҳои дар қонунгузории андоз ҷойдошта ва дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани маъмурикунонии андозро дар назар дорад, асос ёфтааст.

Дар сиёсати андоз манфиатҳои миллии Тоҷикистон, манфиатҳои шахсии шаҳрвандон ва манфиатҳои ҷомеа бояд пурратар ба инобат гирифта шаванд. Манфиатҳои давлат аз таъмини устувории рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, рушди муносибатҳои баробарҳуқуқии байналмилалӣ вобаста аст. Яке аз самтҳои асосии андозбандӣ ин таъмини кифоянокии молиявии системаи самараноки таъминоти иҷтимоии аҳолӣ мебошад.

## 2. Вазъи кунунии сиёсати андоз

Самтҳои асосии сиёсати андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нахустин Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1998), Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав (соли 2004), қонунҳои

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» (соли 2004) ва «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» (соли 2006), инчунин конунгузории буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ карда шудааст.

Илова ба ин муносибатҳои андозиро шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла 23 шартнома бо давлатҳои дигар оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата, ба танзим медароранд.

Танҳо дар солҳои 2005-2011 бо дарназардошти тағйир ёфтани вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, зарурати дарёфти манбаъҳои иловагии даромадҳои буҷети давлатӣ, ҷорӣ намудани низомҳои махсуси андозбандӣ, аз ҷумла барои ҳавасмандгардонии сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ ва коркарди пурраи нахи пахта дар қаламрави давлатамон, дастгирии соҳибкорон дар давраи бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ ва дигар сабабҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд.

Мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон андозҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 намуд андозҳои умумидавлатӣ ва 4 намуд андозҳои маҳаллӣ иборатанд.

Ба андозҳои умумидавлатӣ дохил мешаванд: 1) андоз аз даромади шахсони воқеӣ; 2) андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ; 3) андоз аз арзиши иловашуда; 4) аксизҳо; 5) андози иҷтимоӣ; 6) андози замин; 7) андозҳо аз истифодабарандагони қаъри замин; 8) андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард; 9) андозе, ки тибқи низоми соддакардашуда пардохта мешавад; 10) андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ; 11) боҷи гумрукӣ ва дигар пардохтҳои гумрукӣ; 12) боҷи давлатӣ; 13) андоз аз фурӯш (нахи пахта ва алюминийи аввалия); 14) андози ҳадди ақал аз даромадҳо; 15) андоз аз маҳсулоти коркарди молҳо; 16) роялти барои об; 17) дигар пардохтҳои ҳатмии умумиҷумҳуриявӣ.

Ба андозҳои маҳаллӣ дохил мешаванд: 1) андоз аз молу мулки ғайриманқул; 2) андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт; 3) андоз аз фурӯши чакана; 4) дигар пардохтҳои ҳатмии маҳаллӣ.

Андозҳои умумидавлатӣ, ба истиснои боҷи гумрукӣ ва дигар пардохтҳои гумрукӣ, боҷи давлатӣ, дигар пардохтҳои ҳатмии умумиҷумҳуриявӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмии маҳаллӣ, дар Кодекси андоз муқаррар карда шудаанд. Боҷи гумрукӣ ва дигар пардохтҳои гумрукӣ дар Кодекси гумрук, боҷи давлатӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ», дигар пардохтҳои ҳатмии ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» муқаррар карда шудаанд.

Инчунин дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон низомҳои махсуси имтиёзноки андоз барои сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ, коркарди пурраи нахи пахта, истифодабарандагони низоми гумрукии коркард дар қаламрави гумрукӣ, иштирокчиёни созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот пешбинӣ карда шудаанд. Пас аз гузаронидани таҷриба

барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ низ низоми имтиёзноки андоз ҷорӣ карда шудааст.

Барои мусоидат намудан ба раванди амалиётҳои хоҷагидории субъектҳои сохибкорӣ ва баробар гардонидани гаронии андоз барои субъектҳои соҳибкории хурд – шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, новобаста аз намуди фаъолият низоми имтиёзноки соддакардашуда ва тартиби соддакардашудаи бурдани муҳосибот ҷорӣ карда шудааст. Барои соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент фаъолият менамоянд, тартиби соддакардашудаи андозбандӣ (бо пардохти маблағҳои устувори андози даромад, андози иҷтимоӣ ва андози чакана, бе бурдани муҳосибот, истифодабарии мошинаҳои назоратӣ-хазинавӣ, пешниҳоди ҳисоботи андоз) ҷорӣ карда шудааст.

Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 минтақаи озоди иқтисодӣ таъсис дода шудааст, ки иштирокчиёни онҳо аз ҳамаи намуди андозҳо, ба истиснои андози даромад ва андози иҷтимоӣ аз шахсони вокеӣ, озод мебошанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо давлатҳои дигар шумораи андозҳои муқарраршуда (21 намуд) нисбатан зиёд мебошад, ки нақши ҳар яки онҳо дар таъмини воридоти даромадҳои буҷетӣ гуногун аст.

Дар соли 2010 ҳиссаи 6 намуди андоз дар воридоти умумии андозҳои ҷамъоваришавандаи мақомоти андоз 78%-ро ташкил намуд, аз ҷумла андози иҷтимоӣ (26,3%), андоз аз арзиши иловашуда (18,0%), андози даромад аз шахсони воқеӣ (15,1%), андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард (7,4%), андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ (5,6%) ва андози ҳаддӣ ақал аз даромадҳо (5,6%). Ҳиссаи дигар андозҳо бошад - аксизҳо (0,4%), андози замин (0,8%), роялти барои об (0,8%), андоз аз маҳсулоти коркарди молҳо (0,8%) ва андозҳо аз истифодабарандагони қаъри замин (1,0%) дар воридоти умумии даромадҳои буҷетӣ хеле кам аст.

Ҳаҷми умумии воридоти андозҳо ба буҷети давлатӣ сол аз сол зиёд шуда истодааст: агар дар соли 2005 584,4 млн.сомонӣ даромадҳои андозӣ ҷамъоварӣ шуда бошад, пас дар соли 2010 ҳаҷми даромадҳои андозии буҷет 2950,9 млн. сомониро ташкил намуд, ки 5 маротиба зиёд аст.

Таи солҳои охир ба раванди маъмурикунонии андоз тағйироти мусбӣ ворид карда шуда, ба корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба тартиби андозбандӣ диққати махсус дода мешавад, ҳамкориҳо низ бо иттиҳодияҳои соҳибкорӣ нисбатан васеъ гардидааст.

Новобаста аз ин, дар сиёсати андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилиҳои ҷиддӣ вуҷуд доранд, ки аз мавҷуд набудани консепсияи дарозмуддати сиёсати андоз шаҳодат медиҳад, аз ҷумла:

- ҳоло ҳам андозҳои ҷамъоваришаванда нисбат ба Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилии ҷумҳурӣ дар қиёс бо дигар давлатҳо паст мебошад (19,8%), тибқи маълумоти мавҷуда асоснок намудани пешгӯии воридоти даромадҳои андозӣ мураккабиҳо дорад, мушкилиҳо дар муайян

намудани ҳаҷмҳои даромадҳои андозӣ, ки аз ҳисоби имтиёзҳои андоз ба буҷет ворид намегарданд, вуҷуд доранд;

- ба қонунгузории андоз ҳар сол тағйиру иловаҳо ворид карда мешавад, шумораи андозҳои муқарраршуда зиёд мебошад, меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи онҳо оммафаҳм набуда, корҳо оиди соддакунии тартиби андозбандӣ нокифоя мебошанд, тартиби андозбандии субъектҳое, ки дар асоси гранту кредитҳои хориҷӣ фаъолият менамоянд, боиси баҳс ва нофаҳмиҳои зиёд дар байни мақомоти андоз ва андозсупорандагон гашта, такмилро талаб менамояд;

- дар қонунгузории андоз усулҳои дастгирии фаъолияти истеҳсолоти моддӣ басанда нестанд, тартиби барқарор намудани сатҳи истеҳсолии корхонаҳои калони вуҷуддошта таҳия нашудааст, то ҳол дар қонунгузории буҷет барои субъектҳои алоҳидаи тиҷоратӣ имтиёзҳо пешбинӣ мешаванд, ки боиси нобаробарии рақобат дар истеҳсоли мол (кор ва хизматрасонӣ мегардад);

- усулҳои банақшагирии даромадҳои андозии буҷети давлатӣ, пешгӯии воридоти даромадҳои андозии пешбинишаванда, баҳисобгирии андозҳои воридшуда ва маблағҳои имтиёзҳои андозӣ, баҳисобгирии андозсупорандагон ва объектҳои андозбандӣ, васеъ намудани манбаи андозбандӣ, банақшагирии санҷишҳои ҳуҷҷатии андоз ва кам кардани бақияи қарзи андозҳо аз камбудиҳо холӣ нестанд;

- тартиби ҳисоб ва пардохти андозҳо, пеш аз ҳама андозҳо аз субъектҳои соҳибкории хурди истеҳсолӣ, тартиби пешниҳоди ҳисоботи андоз ва пешбурди муҳосибот мукаммал нестанд;

- сатҳи дониши андозсупорандагон оид ба қоидаҳои андозбандӣ кифоя набуда, ба омӯзонидани кормандони мақомоти андоз, аз ҷумла оид ба истифодабарии усулҳои андозбандӣ ва техникаи компютерӣ, таҳия ва такмили дастурамалҳои андоз ва корҳои фаҳмондадиҳӣ бояд диққати ҷиддӣ дода шавад.

Ислоҳи ин ва дигар мушкилиҳои вуҷуддоштаи сиёсати андоз ва маъмурикунонии андоз бояд давра ба давра бо назардошти имкониятҳои буҷети давлатӣ, иқтидори мақомоти молия ва мақомоти анҷомдиҳандаи назорати андоз таъмин карда шавад.

## 3. Ҳадафҳои сиёсати андоз дар давраи миёнамӯҳлат

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон айни ҳол системаи андоз дар асоси принсипҳои бозаргонӣ дар шакли умум ташкил дода шудааст. Ислоҳотҳои андози қаблан анҷом додашуда қадами аввалин дар ташкили системаи андози рақобатнок ҳисобида мешавад.

Мушкилоти истеҳсолкунандагони молҳои ватанӣ, зарурати барқароркунӣ ва азнавтаҷҳизонидани корхонаҳои истеҳсолӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти истеҳсолшаванда, ҷалб намудани аҳолии бекор ба соҳибкории хурд, воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба созмонҳои байналмилалии тиҷоратӣ ногузир тағйир додани қонунгузории андоз ва системаи андозро талаб менамояд. Таъмини

манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар асоси рушди устувори иқтисодиёт ва фаъолияти самараноки системаи андоз ташкил карда мешавад.

Вобаста ба ин дар давраи миёнамӯҳлат то соли 2015 чунин ҳадафҳои асосии сиёсати андоз пешбинӣ карда мешаванд:

1) содда намудани низоми андозбандӣ, кам намудани ҳисоботи андоз ва пардохтҳои андозӣ, истифодаи меъёрҳои андози тафриқанок вобаста ба даромаднокии намудҳои алоҳидаи фаъолият, васеъ намудани манбаи андозбандӣ ва зиёд намудани ҳиссаи воридоти даромадҳои андозӣ;

2) андешидани чораҳо оид ба такмил додани маъмурикунонии андоз;

3) таъмини дурустии баҳисобгирии даромадҳо, хароҷотҳо ва амалиётҳои анҷомдодашуда аз тарафи андозсупорандагон.

Инчунин дар ҳолати таъмини устувории воридоти даромадҳои буҷетӣ масъалаҳои паст гардонидани гаронии андоз роҳҳои ҳалли худро меёбад. Ин амал бо роҳи истифодаи меъёрҳои тафриқанок, мукаммал намудани шумораи андозҳо, кам кардани имтиёзҳои андоз, паст намудани хароҷотҳои андозсупоранда вобаста ба пардохти андозҳо ва баланд бардоштани самаранокии маъмурикунонии андоз анҷом дода мешавад.

Ислоҳоти сиёсати андоз барои расидан ба ҳадафҳои муайяншуда ҳамзамон бо мӯътадил гардонидани буҷети давлатӣ, рушди иқтисодиёти кишвар, давра ба давра ҷорӣ намудани усулҳои бозаргонӣ дар муносибатҳои иқтисодӣ байни давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ, ислоҳоти куллии сектори иҷтимоии иқтисодиёт таъмин карда мешавад.

## 4. Самтҳои асосии сиёсати андоз дар давраи миёнамӯҳлат

Вобаста ба ҳадафҳои зикргардида дар давраи миёнамӯҳлат то соли 2015 иҷрои корҳо дар самтҳои зерини сиёсати андоз пешбинӣ шудаанд:

1) ислоҳоти умумӣ:

- таҳлил ва омӯзиши муқаррароти қонунгузории андози амалкунанда бо мақсади оммафаҳм намудани он, аз байн бурдани гуногунфаҳмӣ, кам гардонидани баҳсҳо бо андозсупорандагон;

- дарёфт намудани роҳҳои мубориза бо саркашӣ аз андозбандӣ ва аз байн бурдани истифодабарии муқаррароти ноаниқи қонунгузории андоз;

- кам кардани шумораи умумии андозҳо бо роҳи муттаҳид намудани онҳо (масалан, дар амал андозе, ки тибқи низоми соддакардашуда пардохта мешавад, шакли соддакардашудаи андозбандии даромади умумии субъектҳои соҳибкории хурд мебошад), гузаронидани таҳлилҳои зарурӣ ва хориҷ намудани имтиёзҳои андозии бесамар барои ташкили фазои ягонаи андозбандӣ, самарабахш гардонидани меъёрҳои андоз барои фаъолияти гуногуни иқтисодӣ вобаста ба даромаднокии онҳо;

- бе расонидани таъсири манфӣ ба даромадҳои буҷетӣ ва маъмурикунонии андоз андешидани тадбирҳо оид ба кам кардани шумораи пардохтҳо ва ҳисоботи андози соҳибкорон, пеш аз ҳама барои истеҳсолкунандагони молҳо;

- дарёфти роҳҳо ва баланд бардоштани масъулияти андозсупорандагон барои иҷрои ӯҳдадориҳои андоз, аз ҷумла бо роҳи муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ;

- соддатар намудани тартиби андозбандии даромади ғайрирезидентҳо;

- омӯхтани имкониятҳои ҷорӣ намудани низоми махсуси алоҳида барои фаъолияти тиҷорати бозӣ;

- такмил додани тартиби андозбандии шахсоне, ки дар татбиқи лоиҳаҳои грантӣ (кредитӣ) фаъолият менамоянд, таҳлили маҷмӯи созишномаҳои байналмилалӣ бо мақсади мутобиқ гардонидани онҳо ба қонунгузории амалкунанда;

- то қадри имкон содда намудани тартиби андозбандии субъектҳои соҳибкории хурд, пеш аз ҳама хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ);

- дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудани ҳамаи низомҳои махсуси андоз, аз ҷумла тартиби андозбандии сармоягузороне, ки тибқи созишномаҳои консессионӣ фаъолият менамоянд;

- барои кам намудани омилҳои коррупсионӣ баланд бардоштани усулҳои ҳавасмандкунӣ ва ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти андоз;

- хориҷ намудани имтиёзҳои бесамари андоз.

2) такмилдиҳии тартиби ҳисоб ва пардохти андозҳои алоҳида:

а) доир ба андози даромад аз шахсони воқеӣ ва андози иҷтимоӣ:

- дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо намудани меъёрҳои танзимкунандаи андози даромад аз шахсони воқеӣ ва андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ, муқаррар намудани як меъёр барои андоз аз даромад, аниқ гардонидани чораҳои мубориза бо саркашӣ аз андозбандӣ бо роҳи муайян намудани ҳадди ақали даромадҳои андозбандишаванда;

- маҳдуд гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки хатари набурдани муҳосибот ва сатҳи вайрон кардани қоидаҳои андозбандиашон баланд мебошад, омӯхтани масъалаи аз даромади умумӣ баланд бардоштани меъёри андози иҷтимоии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд;

- хориҷ намудани талаботи тақсими маблағҳои пардохтшавандаи андозҳои даромад ва иҷтимоӣ (тибқи моддаи 88 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон);

- такмил додани тартиби ҳисоб ва пардохти андози иҷтимоӣ (Боби 35 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон), бекор кардани таҷрибаи баҳисобгирии хароҷотҳои
иҷтимоии андозсупорандагон, бе кам кардани маблағи воридоти андози иҷтимоӣ омӯхтани имкониятҳои паст намудани меъёри ин андоз;

б) доир ба андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ, андози ҳадди ақал аз даромадҳо ва андозе, ки тибқи низоми соддакардашуда пардохта мешавад:

- дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудани ҳадди ақали андоз аз фоидаи пардохташаванда, ҷорӣ намудани меъёрҳои тафриқанок вобаста ба даромаднокии субъектҳои соҳибкорӣ, аз номгӯи андозҳо (моддаи 6 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон) хориҷ намудани андози ҳадди ақал аз даромадҳо, татбиқ намудани меъёр ва тартиби пардохти андоз аз фоида нисбат ба соҳибкорони инфиродӣ;

- дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудани андозе, ки тибқи низоми соддакардашуда пардохта мешавад, ҳамчун низоми махсуси андоз аз фоида, ҷорӣ намудани ду меъёри андоз (вобаста ба даромади умумӣ ва фоида), аз рӯйхати андозҳо (моддаи 6 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон) хориҷ намудани андози мазкур ҳамчун андози мустақил;

- хориҷ намудани андозбандии фоидаи софи муассисаи доимии шахси ҳуқуқии хориҷӣ (моддаи 166 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон);

- такмил ва содда намудани тартиби андозбандии даромадҳои субъектҳои соҳибкории хориҷӣ (Боби 22 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон);

- хориҷ намудани талаботи тақсими маблағи андоз аз фоида (тибқи моддаи $198^1$ Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон);

в) доир ба андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо:

- таҳлили иловагии тартиби андозбандии имтиёзноки соҳибкорони инфиродӣ ва корхонаҳои савдо (тибқи қисми 7 моддаи 208 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон), омӯзиши имкониятҳои ҷорӣ намудани меъёри тафриқаноки ААИ барои намудҳои алоҳидаи молҳо, корҳо ва хизматрасонӣ;

- таҳлил намудани натиҷаҳои амали меъёрҳои моддаҳои 212, 213, 237 ва 238 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо қонунгузории андози давлатҳои дигар;

- омӯхтани натиҷаҳои татбиқи моддаҳои 62 ва 250 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба назорати молҳои аксизӣ, истифодабарии тамғаҳои аксизӣ ҳамчун ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи пардохти андози аксиз;

г) доир ба андози замин ва андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ:

- дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудани андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ҳамчун низоми соддакардашудаи андози замин, вобаста ба ин аз рӯйхати андозҳо хориҷ намудани ин намуди андоз (моддаи 6 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон);

- омӯхтани зарурати тартиби тасдиқи ҳарсолаи меъёрҳои андози замин ва андози ягона, таҳлили муқоисавии меъёрҳои онҳо;

д) доир ба андозҳо аз истифодабарандагони қаъри замин ва роялти барои об:

- омӯхтани натиҷаҳои мусбӣ ва манфии роялти барои об ва омӯхтани зарурияти монондани он;

е) доир ба андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард:

- аз манбаи андоз хориҷ намудани ҳамаи андозҳои пардохташуда;

ж) доир ба андоз аз фурӯши чакана:

- омӯхтани имкониятҳои паст кардани меъёри андоз аз фурӯши чакана;

з) доир ба дигар пардохтҳои ҳатмии ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ:

- омӯхтани маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ доир ба дигар пардохтҳои ҳатмӣ ҳамчун сарчашмаҳои самараноки воридоти даромадҳои буҷетӣ;

3) такмили маъмурикунонии андоз:

- иҷрои Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2011-2015, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2010, №626 тасдиқ шудааст.

Дар рафти татбиқи Консепсияи мазкур вобаста ба дастрас гардидани маълумоти иловагӣ ва вазъияти иқтисодиёти ҷумҳурӣ самтҳои дигари сиёсати андоз аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи молия, ки барои таҳияи сиёсати андоз вобаста мебошад, дар якҷоягӣ бо дигар мақомоти давлатӣ ба инобат гирифта мешавад.

## 5. Усулҳо ва роҳҳои расидан ба ҳадафҳои сиёсати андоз дар давраи миёнамӯҳлат

Барои дар амал татбиқ намудани сиёсати андоз барои давраи миёнамӯҳлат тибқи самтҳои асосии муайяншуда усулҳои зерин истифода бурда мешаванд:

- дар солҳои 2011-2012 бо дарназардошти Консепсияи мазкур дар таҳрири нав таҳия намудани Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ба қонунгузории дахлдор ворид намудани тағйиру иловаҳои зарурӣ, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет», Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (вобаста ба ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи андоз), қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дастгирии соҳибкорӣ (вобаста ба дохил намудани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ба номгӯи соҳибкории хурд) ва ғайра;

- ворид намудани тағйиру иловаҳо ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба андозбандӣ;

- татбиқи самарабахши Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2011-2015, аз ҷумла азнавкунии сохтори мақомоти андоз, баланд бардоштани сатҳи дониши кормандони мақомоти андоз, ташкили махзанҳои маълумоти электронӣ, ба истифода додани усулҳои компютерии назорати андоз, ташкили ҳамкориҳои машваратии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои соҳибкорӣ доир ба такмил додани маъмурикунонии андоз ва ғайра.

Вобаста ба самтҳои интихобшудаи сиёсати андоз дар давраи миёнамӯҳлат барои расидан ба ҳадафҳои тасдиқшуда инчунин дигар усулҳо ва роҳҳо истифода бурда мешаванд.

## 6. Баҳодиҳии татбиқи самараноки Консепсияи сиёсати андоз

Татбиқи пурраи Консепсияи мазкур имкон медиҳад, ки дар давраи миёнамӯҳлат бо назардошти устувории буҷети давлатӣ:

- меъёрҳои қонунгузории андоз аниқ гардида, қонунгузории андоз содда ва оммафаҳм мешавад, системаи андози ҷумҳурӣ такмил дода шуда, ба буҷети давлатӣ маблағҳои пешбинишудаи даромадҳои андозӣ сари вақт ва пурра ворид карда мешаванд;
- қонунгузории андоз дар давраи гузариши пурра ба муносибатҳои бозаргонӣ нисбатан устувор гардида, барои субъектҳои соҳибкории хурд низоми соддакардашудаи андозбандӣ ҷорӣ карда мешавад;
- дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти қавию касбӣ ва иттилоотноки андоз таъсис дода мешавад, ки барои пешгӯии маблағҳои андозии воридшаванда, таҳлили маблағи имтиёзҳои андоз, ба пешгирии зиёд гардидани бақияи қарзи андоз омода мебошад;
- ҳамкории иттиҳодияҳои соҳибкорӣ бо мақомоти андоз доир ба дуруст бурдани муҳосибот ва дар самтҳои дигар ташкил мегардад, хароҷоти андозсупорандагон вобаста ба ҳисоб ва пардохти андозҳои муқарраршуда камтар мегарданд.